ХУЛОСАИ

шурои диссертатсионии 6D.КОА-013 дар назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёт (6D050606 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ)

Парвандаи аттестатсионии № _____
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 22.11.2025, № 41.3

Барои сазовор донистани Қоситов Ҷӯрабек Рафиқович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёт (6D050606 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ)

Диссертатсия дар мавзуи «Инкишофи бозори минтақавии меҳнат дар вилояти Суғд ва самтҳои танзими он» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёт (6D050606 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) ба ҳимоя 15 сентябри соли 2025 қабул карда шудааст, протоколи № 41.2 шурои диссертатсионии 6D.КОА-013-и назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, маҳаллаи 17, бинои 1), ки бо фармоиши Раиси КОА дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 04 августи соли 2025, № 289/шд таъсис ёфтааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Қоситов Ҷӯрабек Рафиқович, санаи таваллуд 08 марти соли 1997, соли 2014 ба ихтисоси аудит ва ревизияи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2018 бо дипломи аъло хатм намудааст. Соли 2018 ба зинаи магистратураи муассисаи зикршуда аз рӯи ихтисоси иқтисодиёт ва идора дар корхона дохил шуда, соли 2020 ба итмом расонида, бо дипломи аъло ба унвони дараҷаи магистрӣ низ ноил гардидааст. Мавсуф бо фармоиши ректори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон аз моҳи сентябри соли 2020 ба ҳайси докторанти кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва минтақа қабул карда шудааст.

Фаъолияти меҳнатиашро соли 2020 ба ҳайси ассистенти кафедраи андоз ва андозбандии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон оғоз намуда, то ҳол фаъолият намуда истодааст.

Диссертатсия дар кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва минтақаи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон иҷро шудааст.

Роҳбари илмӣ – Ризозода Тӯра Раббим, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон.

Муқарризони расмӣ:

Ғоибназарзода Саид Муҳаммадназар, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Ахмедов Каримҷон Акбарҷонович, номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудити МДТ «Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд».

Муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.

Дар хулосаи мусбат додашудаи муассиса, ки аз тарафи раиси ҷаласа – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Хамидов А.Х., котиби илмии ҷаласа – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Назарамонова Д.М., ташхисгар – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Аминов И. ба имзо расонида, аз ҷониби ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, қайд шудааст, ки кори диссертатсионӣ таҳқиқоти мустақилона ва баанҷомрасида буда, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй аст, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёт (6D050606 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) мувофиқат мекунад ва муаллифи он Қоситов Ҷӯрабек Рафиқович, сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёт (6D050606 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) мебошад.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи кори диссертатсионӣ 15 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 3 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр намудааст.

Номгӯи муҳимтарин корҳое, ки моҳияти илмии диссертатсияро инъикос менамоянд:

1. Қоситов, Ҷ.Р. Асосҳои назариявии таҳқиқоти иқтидори меҳнатии минтақа: тавсифот, хусусият ва истифодаи самараноки он / Ҷ.Р. Қоситов, Ф.М. Ҷураев // Паёми ДМТ. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2021. - № 5. – С.76-82.

2. Коситов, Дж.Р. Роль государства в улучшении качества человеческого капитала / Дж.Р. Коситов // «Вестник ТГУПБП». Серия общественных наук. – Худжанд, 2024. - № 2 (99). – С. 108-116.

3. Қоситов, Ҷ.Р. Принципы и методы оценки человеческого капитала в рынках труда / Ҷ.Р. Қоситов // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои табиатшиносӣ ва иқтисодӣ. – Хуҷанд, 2024. - № 3 (70). – С. 129-137.

Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид гардиданд:

1. Самандарзода И.Ҳ. – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба

номи Шириншоҳ Шоҳтемур бо эродҳои зерин: дар автореферат таҷрибаи хориҷии давлатҳои тараққикарда, ки бозори меҳнат дар ин давлатҳо пешрафта ба ҳисоб меравад, мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Хуб мешуд дар мисоли давлатҳои ба мо наздик доираи ин масъалаи мубрам таҳлил карда шавад; дар саҳифаҳои 32-33-и автореферат чорабиниҳои мушаххас барои афзоиши шуғл дар вилояти Суғд оварда шудааст, хуб аст, вале нисбатан нокифоя мебошад.

2. Калемуллоев М.В. – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, мудири кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудити Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо эроди зерин: дар автореферат механизмҳои танзими бозори минтақавии меҳнат дар вилояти Суғд чандон равшан карда нашудааст.

3. Алиджанов Д.А. – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, мудири кафедраи назарияи иқтисодии МДТ Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров бо эродҳои зерин: дар доираи таҳқиқот раванди такмили танзими бозори меҳнат дар иқтисодиёти минтақа равшантар ва саҳеҳтар нишон дода шавад, арзиши диссертатсияро ғанитар мегардонид.

4. Шокиров Р.С. – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, декани факултети ҳуқуқ ва фаъолияти гумрукии МД «Донишкадаи байналмилалии Хуҷанд»-и МД ДБССТ бо эроди зерин: натиҷаи вобастагии самаранокии идоракунии иқтисодиёти минтақа ва иқтидори меҳнатии он пурратар нишон дода мешуд, сифати рисолаи диссертатсионии мазкур боз ҳам баландтар мегардид.

Интихоби муқарризони расмӣ бо мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва меъёрҳои баҳодиҳӣ ба аҳаммияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо ризоияти шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок карда шудааст.

Интихоби муассисаи пешбар бо он мувофиқ карда шудааст, ки Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон оид ба самти илмии дахлдор дастовардҳои назаррас дорад ва қодир аст, мутобиқати муҳтавои диссертатсияро ба ихтисос ва соҳаи илм муайян намояд.

Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ:

- коркард карда шуд: муқарраротҳои илмӣ - амалӣ оид ба танзими инкишофи бозори минтақавии меҳнат бо таҷдиди ҳамгироӣ бо мактабҳои олӣ, тайёр намудани сармояи инсонӣ, амалишавии «шуғли чандирнок» дар соҳаҳои инноватсионии иқтисодиёт, таҳияи «барнома»-и махсус оид ба мусоидаткунии шуғли аҳолӣ ва мутобиққунонии он бо барномаи рушди иҷтимоӣ-иқтисодии вилояти Суғд;

- ақида пешниҳод шудааст, ки ҳалли муаммоҳо дар инкишофи бозори меҳнатии минтақавӣ баҳри мутобиқоварии талаботу таклифот ба қувваи корӣ, баланд бардоштани самаранокии истифодаи

захираҳои меҳнатӣ ва дар ин радиф ба беҳбудӣ дар некӯаҳволии аҳолӣ дар вилояти Суғд мусоидат менамояд;

- ***исбот шудааст, ки*** вазъи ғайримувозинатии талаботу таклифот дар бозори меҳнати Суғд дар сатҳи муайян ҷой дорад. Алалхусус: ҳиссаи бузурги ҷавонон дар бекорӣ, ки муамморо шадид менамояд; ақибмонӣ дар ташаккули ҷойҳои корӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят ва ғайра. Инчунин шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд аз рӯи сатҳи арзиши пардохти меҳнатӣ гурӯҳбандӣ карда шудааст. Гурӯҳи пешқадам, яъне сатҳи музди меҳнати баланддошта: Айнӣ, Гулистон, Панҷакент, Хуҷанд, ки аз сатҳи миёнаи вилоятӣ зиёд аст. Гурӯҳи ақибмонда: Ашт, Шаҳристон, Деваштич, Зафаробод, Кӯҳистони Мастчоҳ, Мастчоҳ ворид аст;

- ***ворид намудани*** тағйирот ба мафҳуми таҳқиқот дар асоси низомбандии консепсияҳои муосири бозори минтақавии меҳнат, ки тибқи он «Бозори меҳнати минтақавӣ – ин ҷузъи таркибии инфрасохтори бозор буда, маҷмуи муносибатҳои байни аҳолии қобили меҳнат ва ҳама гуна субъектҳои хоҷагидориро новобаста аз шакли моликият дар ҳудуди маъмурии муайян оид ба таъмини шуғл ва ҳалли масъалаи бекорӣ, ки барои такрористеҳсол зарур аст, дарбар мегирад».

Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки:

- ***исбот намудани*** гуногунҷабҳагии равияҳои методӣ роҷеъ ба арзёбии бозори меҳнат, ки дар ин асос нишондиҳандаҳо баҳри арзёбии объективии бозори меҳнати минтақа гурӯҳбандӣ карда шудааст. Алалхусус: - гурӯҳи аввал нишондодҳои талабот (сатҳи шуғл, эҳтиёҷоти корфармоён, ҷойҳои холӣ); дуюм таклифот (шумораи аҳолии ғайриқобили меҳнат, бекорон, давомнокии бекорӣ); сеюм шароити меҳнатӣ (музди миёна, бехатарӣ, ҳавасмандиҳо); чорум фаъолияти бозори меҳнат (гардиши кормандон аз рӯйи қабул ба кор ва озод аз кор, гардиши қувваи корӣ, маҳсулнокии меҳнат, ғунҷоиши меҳнат, коэффитсиенти иқтидори ивазнамоӣ, сарбории нафақавӣ ва демографӣ);

- ***истифода бурдани*** услубҳои диалектикаи илмӣ баҳри муайян намудани тамоил, ҳалли муаммоҳо, танзими муносибатҳои меҳнатӣ дар иқтисодиёти минтақа. Дар ҷараёни тадқиқот усулҳои маҷмуавии низомманд, абстраксияи илмӣ, муқоиса, мушоҳида, усулҳои графикӣ, оморӣ, индуксия ва дедуксия, иқтисоди математикӣ истифода гардидааст;

- ***баён шудани*** вобастагии дар шароити муосир талабот ба қувваи корӣ аз вазъи иқтисодӣ, сатҳи истифодабарии технологияҳои рақамӣ, арзиши (музди) меҳнат. Инчунин, пайвастагии пешниҳоди қувваи корӣ аз иқтидори меҳнатӣ (фаъолнокӣ, сатҳи маълумотнокӣ, касбият, донишу малака) ва андозаи музди меҳнат. Дар ин асос муайян карда шудааст, ки дар сохтори захираҳои меҳнатӣ аҳолии бо кори доимӣ машғулбуда назаррас нест, ки ҳоло дар вилоят эҳё намудани ҷойҳои кории холӣ ба талабот пурра ҷавобгӯ намебошад.

- **ошкор гардидани** муаммоҳои зерин дар бозори меҳнати вилояти Суғд: - шуғли аҳолӣ дар соҳаи кишоварзӣ назаррас буда, меҳнати дастӣ нисбат ба меҳнати ақлӣ ҳоло ҳам ҳиссаи баланд дорад. Дар бештари соҳаҳои иқтисодиёти вилоят музди меҳнати сатҳи номуносиб ҷой дошта, сабаби асосии муҳоҷирати меҳнатӣ гардидааст; - гардиши қувваи корӣ, яъне озод аз кор, ивазшавӣ, қабул ба кор, ноустувор аст. Коэффитсиенти аз корравӣ, қабул ба кор, ивазнамоӣ ҳисоб карда шуда, зарурати таъмини муътадилии шуғл дар соҳаҳои иқтисодиёти вилояти Суғд асоснок карда шудааст;

- ***омӯхта шудани*** таҷрибаи кишварҳои мутараққӣ дар самти танзими бозори меҳнат, ки дар асоси он ҷанбаҳои қобилу қабули онҳо дар иқтисодиёти минтақа муайян гардидааст. Алалхусус: барномаи ҷалби кормандон дар идоракунии истеҳсолот (partcipative management), - барномаи рушди касбии қувваи корӣ, - ташаккули бригадаҳои мустақил аз байни кормандони ташаббускор, - ташкили маҳфилҳои таъмини сифат (ИМА); - бозори меҳнати чандирнок (Олмон); - дастгирии давлатии бахшҳои иқтисодиёте, ки ҳалли муаммоҳои иҷтимоиро мусоидат менамояд (Шветсия); - принсипи «якумраи қабул ба кор» (Ҷопон) ва ғайра;

аз нав такмил додани сиёсати даромадҳо ва музди меҳнат дар вилояти Суғд, таъминокӣ бо иттилооти зарурӣ дар хусуси вазъи бозори меҳнат дар минтақа, ҷумҳурӣ, беҳтар намудани сифати хизматрасонӣ оид ба таъмини шуғл, баланд бардоштани сатҳи касбии кадрҳои тайёрнамуда мутобиқ ба талаботи бозори меҳнат, афзоиши фаъолнокии соҳибкорӣ ва инноватсионӣ дар бозори меҳнати минтақавӣ.

Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия ба тариқи зайл тасдиқ карда мешавад:

ҷорӣ карда шуданд: натиҷаҳои муҳимми таҳқиқот аз ҷониби Раёсати минтақавии рушди иқтисод ва савдои Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд дар ҷараёни таҳия ва ҷорӣ намудани стратегияҳо ва барномаҳои миёнамуҳлати рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Суғд истифода мегардад (маълумотнома дар бораи татбиқ таҳти № 176 / 4-7 аз 07.02.2025). Баъзе муқаррароти илмии кори таҳқиқотӣ дар ҷараёни таълими фанҳои иқтисодиёт ва иҷтимоиёти меҳнат, иқтисодиёти минтақавӣ ва иқтисодиёти корхонаҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои омода намудани кадрҳои баландихтисос истифода бурда мешавад (маълумотномаи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон № 81 аз 30.01.2025).

***муайян карда шуд*:** иқтидори ивази шуғли аҳолӣ бо ҷавонон, сарбории нафақавӣ ва демографӣ дар вилояти Суғд, ки аз рӯи онҳо исбот

гардидааст, ки дар минтақа бо кор таъмин гардидани ҷавонон дар сатҳи нокифоя қарор дошта, сарбории демографӣ (шахсони ниёзи нигаҳбонӣ ба ҳар сари аҳолии шуғли кор) баланд аст. Арзёбӣ гардидааст, ки ҷорӣ намудани техникаву технологияи нав, рушди иқтисодиёти инноватсионӣ дар вилоят барои баланд бардоштани маҳсулнокии меҳнат, коҳиши меҳнатталабии истеҳсолот мусоидат карда истодааст.

офарида шуд амсилаи таъсири омилҳои иқтисодии гуногун ба вазъи бозори меҳнат дар шароити муосир. Муайян гардидааст, ки дар шароити муосир ҳассоснокии тағйирот дар бозори меҳнати минтақа аз тамоилҳои мусбии МММ ба ҳар сари аҳолӣ бештар вобастагии қавӣ дорад, сипас рушди соҳаи саноат, афзоиши музди меҳнат низ таъсири назаррас дорад.

муаррифӣ карда шуд, самтҳои асосии такмили механизми танзими бозори меҳнати минтақа, тавассути таҳия ва татбиқи барномаҳои мақсадноки минтақавӣ ва ҳудудӣ, ки ба ҳавасмандгардонии соҳибкории хурду миёна, мусоидат намудан ба шуғлнокӣ, баланд гардидани даромади аҳолӣ ва сатҳу сифати зиндагӣ равона гардидаанд; такмилдиҳии низоми минтақавии шарикии иҷтимоӣ дар миқёси шаҳру ноҳияҳо; баландбардории ҳосилнокии меҳнат тавассути рушди сармояи инсонӣ.

Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:

- ***назария*** дар асоси муқаррароти бунёдии консепсияҳои иқтисодиёти минтақа, ҳамчунин илмҳои соҳавӣ, ба монанди иқтисодиёти меҳнат, назарияи некуаҳволӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, танзими давлатӣ, иқтисодиёти сектори ҷамъиятӣ ва диг. ба роҳ монда шудааст;

- ***ғояи*** тадқиқот ба Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то даврaҳои 2030; Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи рушди иҷтимоӣ-иқтисодии вилояти Суғд барои солҳои 2021-2025, маълумотҳои омори расмӣ ва захираҳои иттилоотии шабакаи «Internet» ***асоснок шудааст;***

- ***муайян шудааст:*** ташаккулёбии ҷойҳои кории нав дар вилояти Суғд дар шароити муосир пурра ба сатҳи афзоиши аҳолии қобили меҳнат мутобиқат надорад, ки ҳоло қувваи кории истифоданашуда ҳамчун иқтидори захиравӣ низ дар вилоят бузург аст. ки зарурати таваҷҷуҳи хосаро барои таъсиси ҷойҳои кории нав, инчунин барои нигоҳ доштани ҷойҳои кории мавҷудбуда ва ғайра;

- **истифода шудаанд** муқаррароти илмӣ, хулосаҳои пешниҳодгардида ва тавсияҳои коркардшуда аз нуқтаи назари консепсияи илмии муосир омода карда шудааст. Инчунин, консепсия ва нуқтаҳои коркардшудаи

илмӣ дар диссертатсия бо таҳқиқоти илмию назариявии олимони ватаниву бурунмарзӣ дар чорчӯбаи масъалаҳои таҳқиқкардашуда мутобиқат менамоянд.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ:

- иштироки бевоситаи довталаб дар интихоби мавзуъ, ҷамъоварии мавод, тартиб додани нақшаи диссертатсия, иҷрои он, гузаронидани пурсиш, коркарди маводи таҳқиқот, баромад ва маърузаҳо дар семинарҳои илмӣ-назариявӣ, конференсияҳои илмӣ-амалии байналхалқӣ, ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ ва нашри мақолаҳо;

- аз рӯи мавзуи кори диссертатсионӣ интишори 15 мақола бо ҳаҷми умумии 2,50 ҷ.ч., аз ҷумла 3 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дар маҷлис аз 22 ноябри соли 2025 шурои диссертатсионӣ дар бораи сазовор донистани Қоситов Ҷӯрабек Рафиқович барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёт (6D050606 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) қарор қабул кард.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 11 нафар аъзоён 10 нафар докторони илм ва 1 нафар номзади илм, инчунин оид ба ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда 5 нафар докторони илм иштирок доштанд. Аз 11 нафар иштирокдорони маҷлис, ки ба шуро шомил буданд, овоз доданд: тарафдор 11 нафар, муқобил __-__, бюллетенҳои беэътибор __-__.

Муовини раиси шурои диссертатсионӣ, д.и.и., профессор **Бобоҷониён Даврон Дадоҷон**

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ, н.и.и., дотсент **Саиджӯнов Содиқжон Шарифжонович**

22 ноябри соли 2025